**Тақриз**

**ба диссертатсияи Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи “Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ”) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ,қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Мусаллам аст, ки забони тоҷикӣ яке аз забонҳои пурғановат ва қадимаи забонҳои эронӣ маҳсуб ёфта, дорои таркиби луғавии устувор, ғанӣ ва сохтори устувори дастурӣ мебошад. Забоншиносии тоҷик дар омӯхтани хусусиятҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ то имрӯз ба дастовардҳои назаррасе ноил гардидааст.Дар ин ришта муҳаққиқони тоҷик дар заминаи маводи осори манзуму мансури адибони муосир як силсила асару мақола таълиф намуда, рисолаҳои номзадиву докторӣ дифоъ кардаанд, вале чунин кор дар асоси маводи осори классикон, ба хусус таърихномаҳо сурат нагирифтааст.

Аз ин ҷиҳат, мавзуи диссертатсияи Ғафорова Таҳмина Сатторовна мубрам ва муҳим ҳисоб ёфта, он метавонад барои дар оянда равшан гардидани нуқтаҳои то ҳол нокушодаи ин масъала мусоидат намояд

Диссертатсия, чунон ки аз мутолияи он бармеояд, аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти мавриди истифодаи муҳаққиқ қароргирифта иборат аст.

Муаллиф дар муқаддима муҳимӣ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, навгониҳои дар он вуҷуддошта, аҳамияти назариву амалӣ, усулҳои таҳқиқ ва монанди инҳоро зикр намуда ишора кардааст, ки рисолаи мазкур дар заминаи маводи “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ сурат гирифтааст.

**Боби аввали** диссертатсия “Заминаҳои назариявии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” унвон гирифта, он аз се зерфасл иборат мебошад. Дар ин қисмат мафҳум, моҳият ва навъҳои воситаҳои забонии тасвири бадеӣ, роҳҳои истифодаи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ, ҳамзамон ҷойгоҳи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ, дар забоншиносии тоҷик ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Фасли аввали боби мазкур дар хусуси моҳият ва навъҳои тасвири бадеӣ бахшида шуда, муҳаққиқ дар ин боб ба ҷиҳатҳои фанетикӣ, лексикӣ ва синтаксисии мавзуи мазкур ибрози андеша менамояд. Бо овардани далелҳо аз

забоншиносони машҳури хориҷию ватанӣ мавзуи мазкурро тақвият мебахшад.

Дар фасли дуюми боби мазкур бошад, ҷойгоҳи воситаҳои тасвири бадеӣ дар забоншиносии тоҷик ва тарҷумаи он ба забони англисӣ сухан меравад. Муаллиф бо овардани мисолҳои зиёде аз "Ёддоштҳо" муайян менамояд, ки дар осори устод С. Айнӣ, хоса дар "Ёддоштҳо" нақши воситаҳои забонии тасвири бадеӣ бағоят бузург аст.

**Боби дуюми** диссертатсия "Вижагиҳои лексикӣ ва грамматикии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар "Ёддоштҳо"-и С. Айнӣ номгузорӣ гардидааст, ки он аз шаш зерфасл иборат мебошад. Заҳмати зиёди муаллиф аз нигоҳи инҷониб бештар дар боби мазкур айён мегардад. Ба унвонҷӯ муяссар гардидааст, ки дар ин боб на танҳо вижагиҳои лексикиии воситаҳои тасвири бадеиро муайян созад, балки вижагиҳои морфологии воситаҳои тасвири бадеиро дар "Ёддоштҳо" таҳқиқ намояд. Дар ҳамин боб мисолҳои зиёде аз "Ёддоштҳо" гирдоварӣ шуда он ба забон англисӣ ба таври муқоисавӣ таҳлил гардадааст. Вижагиҳои исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф ба таври алоҳида дар фаслҳои ҷудогона мавриди пажӯҳиш қарор дода шудаанд.

Дар фасли якуми боби мазкур муҳаққиқ дар хусуси вижагиҳои лексикии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар "Ёддоштҳо"-и С. Айнӣ сухан ронда, перомуни он ҷаҳонбинӣ ва хислатҳои мухталифи қаҳрамонҳои асар муайян карда мешаванд. Махсусан, овардани мисолҳои зиёде доир ба метафора, ташхис, ташбеҳ ва тарҷумаи он ба забони англисӣ диққати хонандаро дучанд ҷалб мекунад. Ибораҳои: "туро гург намехӯрад", "садбор гуфтам", "ёбон пур аз бача", "дар лаби рӯд", "сари худро хам кардан" дар тасвир устод Айнӣ хусусияти хоси худро дорад, ки он дар тарҷума ба забони англисӣ бештар айён мегардад.

Баъдтар дар фаслҳои дуюм ва сеюми ҳамин боб вижагиҳои морфологӣ ва синтаксисии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ниҳоят мушаххас ва равшану возеъ таҳқиқ гардидааст. Махсусан зикри инверсия- заиф шудан тартиби меқаррарии калима яъне шаклгирӣ, тағйирдиҳӣ ва барқароркунӣ мавриди таҳқиқи ниҳоят амиқ қарор дода шудааст, ки он аз заҳматҳои зиёду дастовардҳои илмии муаллиф да ин самт ба шумор меравад.

Дар ҳамин боб муҳаққиқ дар хусуси мавқеи муҳим доштани "эпитет" (тавсиф) дар забони англисӣ ибрози андеша намуда, чунин гуфтааст. Забоншиносон, аз ҷумла М. А. Сиддиқова "эпитет"-ро ҳамчун раванди услубӣ дар сарчашмаҳои забонӣ яке аз масъалаҳи баҳсталаб ба қалам

додаанд, ки дар ҳақиқат дар тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ бештар ба назар мерасад.

Аксарияти забоншиносон эпитетро субект тавсф намудаанд ва бо воситаи эпитет муаллиф метавонад диқати хонандаро ба худ ҷалб кунад. Ин масъала аз ҷониби муҳаққиқ дар заминаи "Ёддоштҳо"-и устод С. Айнӣ дар ду шакл ифода ёфтааст.

1. Маънои аслӣ яъне воқеӣ нишон додани касе, ё чизе: чунончи, ҷангали беодам, кӯҳҳои баланд ва ғӣраҳо.
2. Маънои маҷозӣ ё ғайриаслӣ "ҷони падар, хонаи тира, сари холӣ, осмон ба сар фурӯ омадан, танро гандумвор орд кардан".

**Боби сеюми** диссертатсия "Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар "Ёддоштҳо"-и С. Айнӣ ва тарҷумаи он дар забони англисӣ"- ном гирифта шудааст.

Дар фасли аввали ҳамин боб дар хусуси ҷойгоҳи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ва тарҷумаи он дар "Ёддоштҳо" сухан рафта, ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар рафти масъалагузорӣ се қисмати тарҷумаи воситаҳои забонии тасвири бадеиро муайян созад. Инҳо мазмунан тарҷума кардани фикри нависанда, тағйир додани баъзе шаклҳои забонӣ ҳангоми тарҷумаи касбӣ, инчунин тағйир наёфтани чанде аз муодилаҳо дар тарҷумаи мазмуни асар.

Ғафорова Таҳмина дар ҳамин фасл такя ба осори забоншиносони машҳур: А. В. Федоров, З. О. Муродҷонова, М. Б. Нағзибекова такя менамояд, ки ин қиммати илмии диссертатсияро ба назари мо тақвият мебахшад.

Фасли дуюми боби сеюми диссертатсияро масъалаҳои тарҷумаи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар бар мегирад. Ба мо маълум аст, ки асарҳои тарҷумавӣ дар он ҳолат хуб пазируфта мешаванд, ки забони аслии асар пурмазмун ва дорои бадеияти баланд бошад. Дар сатҳи олӣ қарор доштани забони осори устод С. Айнӣ дар тамоми дунё эътироф гардидааст, ки ин низ ба унвонҷӯ имкониятҳои зиёдеро дар вақти тарҷума фароҳам овардааст.

Фасли сеюми боби сеюм бошад, дар бораи вижагиҳои хоси воситаҳои забони тасвири бадеӣ дар "Ёддоштҳо"-и устод С. Айнӣ ва тарҷумаи он ба забони англисӣ номузори шудааст. Дар ин фасл муҳаққиқ муайян

менамояд, ки вижагиҳои воситаҳои забони тасвири бадеӣ дар "Ёддоштҳо"и устод С. Айнӣ фардӣ мебошад ва дар он ҳама гуна симоҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва оддиро мушоҳида кардан мумкин аст. Муҳаққиқ дар натиҷаи мутолиа ва таҳқиқи зиёд ошкор намудааст, ки устод С. Айнӣ дар заминаи "Ёддоштҳо" сухан ва тасвири онро ба таври борикбинона назар мекунад ва онро вобаста ба таърихи ду давра дар забони қаҳрамонҳои асар бо хусусиятҳои гуногун нишон медиҳад, вижагиҳое ба мисоли истифодаи ҳамаи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ аз қабили рамзу муболиға, кинояву таъриз, маҷоз ва монанди инҳо.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои илмиву амалии муҳаққиқ дар ҳашт банд ҷасъбаст гардидааст.

Дар диссертатсия баробари дастовардҳои зиёд баъзе камбудҳои ҷузъӣ низ мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи ояндаи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Ба андешаи мо дар муқаддимаи диссертатсия тавсифи умумии кор ниҳоят мухтасар дода шудааст, ки он бояд мавриди бозбинӣ қарор дода шавад.

2. Хуб мебуд, агар фаслҳои дуюм ва сеюми боби дуюм бо ҳам муттаҳид карда мешуданд.

3. Мутаассифона, на дар ҳамаи бобҳои диссертатсия овардани нақша, диаграмма ва гистаграммаҳо ба мушоҳида мерасад;

4. Дар баъзе саҳифаҳои боби якуми диссертатсия риояи солшуморӣ ба инобат гирифта нашудааст. Масалан дар ҷое муҳаққиқ аз Камолиддинов Б. ва Саломов М. иқтибос меорад ва баъд рӯ меорад ба С. Айнӣ ва М. Шукурӣ.

5. Дар боби дуюми диссертатсия нақши ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ дар тасвири воситаҳои забонӣ умуман қайд нагардидааст, ки ин норасоӣ низ аз назари хонанда дур намемонад.

6. Роҳ ёфтани ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва грамматикӣ дар саҳифаҳои 5, 12, 17, 25, 29, 107, 122, 125, 158 ва ғайраҳо ба мушоҳида мерасад.

Чунин эродҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, қимати илмии диссертатсияро паст карда наметавонад ва метавонем онро ҳамчун кори илмии баанҷомрасида эътироф намоем.

Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА- и назди Президенти ҶТ ва маҷмуаҳои дигари илмии нашрнамудаи унвонҷӯ, ки иборат аз 8 мақолаи илмӣ мебошад, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Диссертатсияи **Ғафорова Таҳмина Сатторовна " Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ( дар асоси " Ёддоштҳо" - и Садриддин Айнӣ").** ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 - **Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ** таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи **Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи "Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ( дар асоси " Ёддоштҳо" - и Садриддин Айнӣ").** ба талаботи бандҳои 31-35- уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021- ум, тахти # 267- ум

тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ,**

**мудири кафедраи забонҳои** **Шафоатов А.Н.**

**Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон**

**ба номи С. Раҳимов**

**Имзои Шафоатов Азалро тасдиқ мекунам:**

**Сардори Шуъбаи кадрҳои** **Расулов М.М.**

**Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон**

**ба номи С. Раҳимов**

**Суроға: ш. Душанбе, маҳаллаи Лучоб - 53,**

**734053. тел. 224- 73- 77; факс 224 56 87.**

**E- mail: mehrpaivand@inbox.ru.**

**" 13 " ноябри соли 2023**